Худованд рӯзи қиёмат мардеро аз уммати ман дар баробари мардум ихтиёр намуда

Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Худованд рӯзи қиёмат мардеро аз уммати ман дар баробари мардум ихтиёр намуда барои ӯ навадунуҳ китоб (саҳифаро)-ро мекушояд, ки дарозии ҳар саҳифаи он то ҷое ки чашм мебинад, (масофае ки чашми инсон мерасад) паҳн карда шуда аст. Сипас Худованд мефармояд: оё чизе аз ин навиштаҳоро инкор мекунӣ? Оё котибони ман ба ту зулм кардаанд? Он мард мегӯяд: не эй Парвардигор. Сипас Худованд мегӯяд: оё ягон узре дори? Он мард мегӯяд: не эй Парвардигор. Сипас Худованд мегӯяд: аммо ту назди Мо (яъне дар номаи аъмолаш) як ҳасана (некӣ)-е дорӣ ва имрӯз бароят зулме раво дошта намешавад. Сипас порчае аз коғазеро меоранд, ки дар он навишта шудааст: Ашҳаду ан ло илоҳа иллалоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу. Ба ӯ гуфта мешавад: ба назди тарозуят биё, мегӯяд: Парвардигоро ин баргаи коғаз дар баробари он саҳифаҳо чи ҳисоб мешавад ва чи вазн дорад? Худованд мегӯяд: ба ту зулму ситам нахоҳад шуд. Сипас он саҳифаҳо дар як паллаи тарозу гузошта мешаванд ва баргаи коғаз дар паллаи дигар, ва он саҳифаҳо ба ҳар тараф пароканда мешаванд ва паллае ки бар он барга гузошта шудааст вазнинӣ мекунад. Чизе дар баробари номи Аллоҳ вазнинтар аз он нест".

[Саҳеҳ] [رواه الترمذي وابن ماجه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён медоранд, ки рӯзи қиёмат Худованд мардеро аз миёни умматаш барои ҳисоб ва бозхост дар ҳузури мардум интихоб мекунад. Назди ӯ 99 саҳифа гузошта мешавад, ки иборат аз амалҳои бади ӯ дар дунё ҳастанд ва дарозии ҳар як саҳифа ба андозаи масофаи дидани чашм аст. Худованд ба он мард хитоб фармуда мегӯяд: оё чизе аз навиштаҳои ин китобҳоро инкор мекунӣ? Оё фариштаҳои нависанда зулме барои ту раво дидаанд? Он мард мегӯяд: не эй Парвардигори ман. Худованд мегӯяд: оё барои амалҳое, ки дар дунё анҷом додаи узр ва баҳонае дорӣ? Хоҳ аз сабаби фаромӯшӣ, иштибоҳ ё нодонӣ? Он мард мегӯяд: не эй Парвардигори ман, ҳеҷ узр ва баҳонае надоштам. Аммо Худованд мегӯяд: балки назди мо ҳасана (некӣ)-е аз шумо вуҷуд дорад, ки имрӯз ба сабаби он ба шумо ситам нахоҳад шуд. Сипас баргае ба ӯ нишон дода мешавад, ки дар он навишта шудааст: Гувоҳӣ медиҳам нест худое барҳақ магар Аллоҳ, ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост. Сипас Худованд ба он мард мегӯяд: тарозуи худро биёр. Он мард бо таъаҷҷуб мегӯяд: Парвардигорам! Ин барга дар баробари ин ҳама саҳифаҳо чи вазне дорад? Худованд мегӯяд: Имрӯз бар ту зулм нахоҳад шуд. Гуфт: саҳифаҳо (амалҳои бади ӯ) дар як паллаи тарозу ва он барга (амали нек, калимаи шаҳодат) дар паллаи дигари тарозу гузошта мешавад, ки он сангинтар аз тамоми саҳифаҳо бармеояд ва мавриди мағфирати Парвардигор қарор мегирад.